КФС

**МУОВИНИ ЯКУМИ САРВАЗИРИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ПЕРВЫЙ ЗАМЕСТИТЕЛЬ ПРЕМЬЕР - МИНИСТРА**
**РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

*Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Қоҳир Расулзода ва Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Раҳмон Озода Эмомалӣ шинос карда шаванд.*

**Вазорату идораҳо (тибқи рӯйхат)**
Барои иҷро.

**Кумитаи давлатии сармоягузорӣ**
**ва идораи амволи давлатӣ**
Барои ҷамъбаст ва пешниҳод.

*Ба Маҷидӣ Ю.Х.*

**ДАВЛАТАЛӢ САИД**

№ 22-7/3
"29" январи 2019

«Тасдиқ мекунам»
Муовини якуми Сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Шӯро,
__________ Давлаталӣ Саид
«29» январи соли 2019

Протоколи №6
ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ

31 декабри соли 2018 — шаҳри Душанбе

Раискунанда, Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ - Давлаталӣ Саид.

Дар ҷаласа ҳайати Шӯро ва шахсони масъули даъватшуда иштирок доштанд.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Гузориши Котиби масъули Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ оид ба рафти иҷрои протоколҳои 3 ва 5 Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ.
2. Баррасӣ намудани рӯйхати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи омор ҷиҳати татбиқи қонунгузории соҳаи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ пешниҳод шудааст.
3. Гузориш оид ба рафти санҷишҳои гузаронидаи мақомоти санҷишӣ дар нуҳ моҳи соли 2018.
4. Баррасии номгӯи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккали фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, номгӯи масъалаҳои назоратӣ ва нақшаҳои гузаронидани санҷишҳо барои соли 2019, ки аз ҷониби мақомоти санҷишӣ барои мувофиқа ба Шӯро пешниҳод карда шудааст.
5. Баррасии пешниҳоди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор».

Ҷаласаро Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ (минбаъд – Раиси Шӯро) оғоз карда, хозиринро бо масъалаҳои баррасишавандаи рӯзнома ва мақсади ҷаласа шинос намуд.

Раиси Шӯро қайд намуд, ки дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси аз ҷониби баъзе мақомоти санҷиш на ҳама вақт риоя гардидани талаботи қонунгузорӣ ҳангоми гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ изҳори нигаронӣ карданд.

Бо назардошти ин, барои тақвият бахшидан ба раванди бартарафсозии санҷишҳои беасосу такрорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ давраи мораторий ба санҷишҳои субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ дар солҳои 2019-2020 тамдид гардида, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ" ба ҳамаи мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллӣ ва мақомоти андозу гумрук татбиқ карда мешаванд.

Ҳамчунин, бо мақсади таъмин намудани риояи дақиқи муқаррароти қонунгузорӣ дар самти мораторий ба Прокуратураи генералӣ супориш дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ нисбат ба масъулони мақомоти давлатие, ки ба фаъолияти соҳибкорон беасос дахолат карда, садди роҳи рушди соҳибкорӣ мешаванд, чораҳои зарурӣ андешад.

Баъдан, аз тарафи Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Шӯро оид ба қарорҳои қабулнамудаи ҷаласаи сеюм ва панҷуми Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияи мақомоти санҷишӣ (минбаъд - Шӯро), ки бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" ва санадҳои зерқонунии он, инчунин оид ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2018, №990 "Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ" таъкид карда шуд.

Дар хусуси масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа Котиби масъули Шӯро, сардори раёсати пешбурди низоми иҷозатдиҳӣ ва мониторинги санҷишҳои



Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ - Ҳақназарзода Комилҷон Сайдулло оид ба рафти иҷрои бандҳои қарори Протоколи ҷаласаи сеюм ва панҷуми Шӯро маълумоти муфассал пешниҳод намуд. Қайд гардид, ки протоколи ҷаласаи сеюм маҷмӯан фарогири 11 банд ва протоколи ҷаласаи панҷум аз 4 банд иборат буда, онҳо тибқи тартиби муқарраргардида ба иҷро расонида шуданд.

Инчунин, дар баромад қайд карда шуд, ки лоиҳаи «Дастурамали методӣ барои мақомоти санҷишӣ оид ба таҳия ва истифодаи номгӯи масъалаҳои назоратӣ» бо назардошти таклифҳои аъзои Шӯро такмил дода шуда, барои қабул намудани қарор пешниҳод гардид.

Лоиҳаи «Дастурамали методӣ барои мақомоти санҷишӣ оид ба таҳия ва истифодаи номгӯи масъалаҳои назоратӣ» аз ҷониби ҳайати Шӯро баррасӣ гардида, тасдиқ карда шуд.

Сипас аз рӯи масъалаи дуюми рӯзнома Директори Агентии омор - Ҳасанзода Гулнора Кенҷа баромад карда, рӯйхати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки ҳисоботи оморӣ оид ба истеҳсолотро ба мақоми омори давлатӣ месупоранд, тибқи талаботи қонунгузории соҳаи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ба баррасии Шӯро пешниҳод намуд.

Қайд карда шуд, ки ба ҳолати моҳҳои январ – ноябри соли 2018 бинобар сабаби тағйир ёфтани шумораи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ҳисоботи оморӣ оид ба истеҳсолотро ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи омор месупоранд, аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хориҷ намудани 81 субъект ва барои ворид намудани 124 субъект ба феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ба баррасии Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ пешниҳод гардид. Бо назардошти вориду хориҷ гардидани субъектҳо шумораи ниҳоии субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ба 1973 адад мерасад.

Оид ба масъалаи матраҳшаванда Раиси Шӯро қайд карданд, ки аз ҷониби намояндагони бахши хусусӣ ва баъзе субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла ҶДММ "Фабрикаи мурғпарварии Беҳамто" ва дигарон, ки ба истеҳсоли молу маҳсулот машғуланд, боиси нигаронӣ дар хусуси ворид нагардидан ба феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва баҳраманд нашудан аз қонунгузории мораторий дархостҳо мунтазам ба унвони Шӯро ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ворид мешаванд. Аз ин лиҳоз, ҳангоми пешниҳоди рӯйхати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба баррасии Шӯро ба масъалаи мазкур Агентии омор аҳамияти хоса диҳад.

Дар ин замина, аъзои Шӯро, Вазири адлия – Рустам Шоҳмурод ва дигарон баромад намуда, вобаста ба мутобиқати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии аз ҷониби Агентии омор пешниҳодшуда ба субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ изҳори ақида карданд. Дар ин раванд, сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ - Раҳим Санъат Асо баромад намуда, иброз кард, ки бинобар сабаби эълон гардидани мораторий ба санҷишҳо таъмини бехатарӣ дар корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти хатарнок ғайриимкон гардида, пешбинӣ намудани истисно ба санҷишу назорати дар ин самт амалишавандаро мувофиқи мақсад арзёбӣ кард.

Роҷеъ ба масъалаи сеюми рӯзнома Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, муовини раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ – Ҳамрализода Ф.М. гузоришро оид ба рафти санҷишҳои гузаронидаи мақомоти санҷишӣ дар нуҳ моҳи соли 2018 пешниҳод намуд.

Дар доираи баромад оид ба санҷишҳои нақшавии мақомоти санҷишӣ дар соли 2018, фарқияти шумораи санҷишҳои гузаронидашуда нисбат ба нақшаи дар мувофиқа тасдиқшуда, ҷаримаҳои таъиннамуда нисбати субъектҳои хоҷагидор, афзоиши санҷишҳои бо ташаббуси мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баргузоршаванда ва мушкилоти ҷойдошта дар самти санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, инчунин оид ба таҳия ва тасдиқ нагардидани қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби мақомоти санҷишӣ иттилооти дахлдор пешниҳод карда шуд.

Оид ба масъалаи санҷишҳои барзиёд гузаронидашуда Раиси Шӯро изҳори нигаронӣ намуда, аз роҳбарони мақомоти санҷишие, ки санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро аз нақшаи дар мувофиқа тасдиқгардида барзиёд гузаронидаанд, пурсон шуд. Дар ин замина, ба Раис ва аъзои Шӯро аз тарафи роҳбарияти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, кумитаҳои ҳифзи муҳити зист, меъморӣ ва сохтмон, Агентии хоҷагии ҷангал, Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилӣ, Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар мақомоти санҷишӣ гузориш пешниҳод карда шуд.

Вобаста ба масъалаи чоруми рӯзнома Котиби масъули Шӯро баромад намуда, номгӯи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккали фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, номгӯи масъалаҳои назоратӣ ва нақшаҳои гузаронидани санҷишҳо барои соли 2019, ки аз ҷониби мақомоти санҷишӣ



барои мувофиқа ва маъқулдонӣ ба Шӯро пешниҳод карда шудаанд, ба ҳайати Шӯро маълумоти муфассалро пешниҳод намуд.

Дар ин хусус Раиси Шӯро фикру андешаҳои худро баён намуда, ба Котиботи Шӯро дастур доданд, ки ҳамкориро бо мақомоти санҷишӣ ба таври зарурӣ ба роҳ монда, камбудиҳои дар номгӯи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккали фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, номгӯи масъалаҳои назоратӣ ва нақшаҳои солонаи гузаронидани санҷишҳо қайдгардида, сари вақт бартараф карда шаванд.

Роҷеъ ба масъалаи панҷуми рӯзнома Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – Фарҳод Раҳимӣ баромад намуда, ба баррасии Шӯро лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор»-ро пешниҳод намуд.

Аз тарафи ӯ қайд гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун имзокунандаи Созишнома "Оид ба паҳн накардани яроқи ҳастаӣ" ва дигар созишномаҳо бо Агентии байналмилалӣ оид ба энергияи атом (МАГАТЭ) дар бораи кафолатҳо уҳдадор аст, ки назорати истифодабарии манбаъҳои афканишоти ионофар, маводҳои радиоактивӣ ва ҳаставиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дарорад. Бо ин мақсад зарурати дуруст ба танзим даровардани ин фаъолиятҳо ташкили заминаи ҳуқуқӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи талаботҳои байналмилалӣ ба миён омадааст.

Оид ба масъалаи матраҳшаванда Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро – Давлаталӣ Саид, Вазири адлия, аъзои Шӯро – Рустам Шоҳмурод, сардори Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ – Муродзода Д.Ҳ. ва дигарон баромад намуда, фикру андешаҳои худро дар робита ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иброз намуданд.

Баъд аз муҳокимаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа қарорҳои зерин қабул карда шуд:

1. Гузориши Котиби масъули Шӯро, сардори раёсати пешбурди низоми иҷозатдиҳӣ ва мониторинги санҷишҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ҳақназарзода К.С. оид ба рафти иҷрои супоришҳои Протоколи №3 ва 5 Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ ба инобат гирифта шавад.

2. Гузориши Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, муовини раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти

санҷишӣ – Ҳамрализода Ф.М. оид ба рафти санҷишҳои гузаронидан мақомоти санҷишӣ дар 9 моҳи соли 2018 ба инобат гирифта шавад.

3. Агентии омор дар якҷоягӣ бо мақомоти санҷишӣ масъалаи тафовути нишондиҳандаҳои омори расмиро бо ҳисоботи мақомоти санҷишӣ оид санҷишҳои гузаронидашуда баррасӣ намуда, аз натиҷааш дар муҳлати кӯтоҳтарин ба Раиси Шӯро ахбороти зарурӣ пешниҳод намояд.

4. Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, кумитаҳои ҳифзи муҳити зист, меъморӣ ва сохтмон, Агентии хоҷагии ҷангал, Хадамоти зиддиинҳисорӣ, Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилӣ, Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникии Вазорати энергетика ва захираҳои об, Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Бозрасии назорати давлатии техникаи кишоварзии Вазорати кишоварзӣ, Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маорифи Вазорати маориф ва илм ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар самти санҷишҳои барзиёди фаъолияти субъектҳои хоҷагидор чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш ба Раиси Шӯро маълумот пешниҳод намоянд.

5. Роҳбарони аввали мақомоти санҷишӣ ҳангоми таҳия ва пешниҳоди ҳисобот оид ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ба ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ интизоми иҷроияро қатъиян риоя намоянд.

6. Дастурамали методӣ барои мақомоти санҷишӣ оид ба таҳия ва истифодаи номгӯи масъалаҳои назоратӣ тасдиқ карда шавад.

7. Рӯйхати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ҳисоботи оморӣ оид ба истеҳсолотро месупоранд ва аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ пешниҳод шудааст, ба феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ворид карда шавад.

8. Вазорати адлия якҷоя бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дар ҳамкорӣ бо мақомоти прокуратура, амнияти миллӣ, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, корҳои дохилӣ, андоз, гумрук, Бонки миллӣ, Палатаи ҳисоб бо мақсади мушаххасан муқаррар намудани тартиб, расмиёт, банақшагирӣ ва ҳолатҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби мақомоти прокуратура, амнияти миллӣ, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, корҳои дохилӣ, андоз, гумрук, Бонки миллӣ, Палатаи ҳисоб таҳлили амиқи қонунгузории амалкунандаро гузаронида, дар ҳолати зарурӣ лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии дахлдорро тибқи тартиби муқарраргардида таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

9. Номгӯи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккали фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, номгӯи масъалаҳои назоратӣ ва нақшаҳои гузаронидани санҷишҳо барои соли 2019, ки аз ҷониби мақомоти санҷишӣ пешниҳод карда шудаанд, дар маҷмӯъ маъқул ва тасдиқ карда шаванд.

10. Мақомоти санҷишӣ номгӯи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккали фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, номгӯи масъалаҳои назоратӣ ва нақшаҳои гузаронидани санҷишҳо барои соли 2019 тибқи талаботи қонунгузории соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор такмил дода, на дертар аз 10 рӯзи корӣ пас аз ба тасвиб расидани Протоколи мазкур ба Котиботи Шӯро пешниҳод намоянд.

11. Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ, Кумитаи телевизион ва радио, Нозироти давлатии йёргирӣ, Бозрасии назорати давлатии техникаи кишоварзӣ, Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт, Хадамоти алоқа ва Агентии авиатсияи гражданӣ тибқи талаботи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" дар асоси қоидаҳои намунавӣ дар муҳлати кӯтоҳтарин Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар соҳаи худ таҳия ва тасдиқ намуда, бо тартиби муқаррргардида ба қайди давлатӣ гирифта, мавриди интишори расмӣ қарор диҳанд.

12. Дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ гурӯҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор таъсис дода, дар доираи он масъалаҳои зерин:

- фарқияти мафҳум ва хусусиятҳои хоси "назорат" ва "санҷиш" бо назардошти таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ муайян карда шавад;
- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор", ки аз ҷониби Академияи илмҳо пешниҳод шудааст, мавриди баррасӣ қарор дода шавад;
- ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» мутобиқ будани пешниҳоди мақомоти санҷишӣ оиди ба нақшаҳои солонаи гузаронидани санҷишҳо ворид намудани мақомоти давлатӣ (вазорату идораҳо) ва муассисаҳои давлатӣ, ки фаъолияти соҳибкориро амалӣ наменамоянд, баррасӣ карда шавад;

- масъалаи тартиби пешниҳоди огоҳиномаи хаттӣ, ки тибқи муқарраротн Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» пеш аз оғози санҷиш ба субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла субъектҳои соҳибкорие, ки дар самти истеҳсол ва муомилотӣ маҳсулоти хӯрокворӣ фаъолият менамоянд, зери таҳлил қарор дода шавад;

- пешниҳоди Сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ - Раҳим С.А. оид ба гузаронидани назорати техникӣ дар корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти хатарнок дар давраи эълони мораторий ба санҷишҳо мавриди баррасӣ қарор дода шавад;

- аз натиҷаи кори гурӯҳи корӣ ба Раис ва аъзои Шӯро тибқи тартиби муқарраргардида ахборот пешниҳод намояд.

13. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ:

- на дертар аз се рӯз субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолиро ба феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ворид намояд;

- ҷиҳати бештар иттилоотонии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, инчунин мақомоти санҷишӣ феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолиро дар сомонаи расмии худ ҷойгир намуда, ташкили корҳои фаҳмондадиҳиро бо шахсони масъули мақомоти санҷишӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ ба роҳ монанд;

- ҷиҳати саривақт ва тибқи тартиби муқарраргардида омода ва дастрас намудани маводҳои баррасишавандаи ҷаласаи Шӯро ба Раис ва аъзои Шӯро чораҳои зарурӣ андешад;

14. Назорати иҷрои Протоколи мазкур ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вогузор карда мешавад.

| | |
|---|---|
| Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, муовини Раиси Шӯро | Ф. Ҳамрализода |

Аъзои Шӯро:

| | |
|---|---|
| Вазири адлия | Р. Шоҳмурод |
| Вазири молия | Ф. Қаҳҳорзода |
| Вазири рушди иқтисод ва савдо | Н. Ҳикматуллозода |



| | |
|---|---|
| Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | Н. Олимзода |
| Вазири саноат ва технологияҳои нав | Ш. Бобозода |
| Вазири корҳои дохилӣ | Р. Раҳимзода |
| Вазири кишоварзӣ | И. Сатторӣ |
| Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ | Қ. Ҳакимзода |
| Раиси Шӯрои Иттифоқи рушди бахши хусусии Тоҷикистон (намояндаи бахши хусусӣ) | Ф. Раҷабов |
| Директори Агентии омор | Г. Ҳасанзода |
| Муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Нигина Анварӣ |
| Котиби масъули Шӯро | К. Ҳақназарзода |